# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Парвандаи аттестатсионии №__**
**Қарори Шуроӣ диссертатсионӣ аз 29-октябри соли 2024, тахти № 68**

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқукии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар таърихи 02 июли соли 2024, суратмаҷлиси № 61 аз ҷониби Шуроӣ диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори Шуроӣ диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Точикистон аз 07 январи соли 2022, тахти №16/шд) (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзозода Шаҳло Ҷума 7-уми феврали соли 1983 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2000 ба шуъбаи рӯзонаи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2005 бо дипломи аъло аз руйи ихтисоси ҳуқуқшинос-равоншинос хатм кардааст.

Аз соли 2019 то ҳол ассистенти кафедраи ҳуқуқи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Зоир Ҷурахон Маҷидзода – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири Шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

– **Холиқзода Абдураҳим Ғаффор** – доктори илмҳои ҳуқушиносӣ, профессор, Директори Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Саъдизода Ҷаҳонгир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент, мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе;

– **Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Ҳаитов С.П., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, (ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Бобозода Ҷ.Қ. ва котиби ҷаласа муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидов Р.А., имзо ва аз ҷониби Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Мирҷамолов М.А., дар санаи 01.10.2024 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорой мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзӯи диссертатсия ва моҳияти он 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар нашрияҳои дигар ва инчунин 2 китоби дарсӣ ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷу аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Мирзозода, Ш.Дж. Идеи и роль мотивации в правовых учениях [Текст] / Ш.Дж. Мирзозода // Академический юридический журнал ИФПП НАНТ. – 2021. – №4 (40). – С. 188-193; ISSN 2305-0535.

**[2-М].** Мирзозода, Ш.Ҷ. Нишонаҳои таҳрики ҳуқуқӣ ва аҳаммияти иҷтимоии он [Матн] / Ш.Ҷ. Мирзозода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4 (44). – С. 12-17; ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Мирзозода, Ш.Ҷ. Омилҳои рафтори қонунӣ ва ҳавасмандгардонии самаранокии қонунии субъектҳо [Матн] / Ш.Ҷ. Мирзозода // Маҷаллаи Академикии ҳуқуқи ИФСҲ АМИТ. – 2022. – №4 (44). – С. 64-68; ISSN 2305-0535.

**[4-М].** Мирзозода, Ш.Ҷ., Маҷидзода, З.Ҷ. Ангезаи ҷиноятӣ [Матн] / Ш.Ҷ. Мирзозода, З.Ҷ. Маҷидзода // Идоракунии давлатӣ. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №4/1 (58). – С. 233-241; ISSN 2664-0651.

**[5-М].** Мирзозода, Ш.Дж. Понятие, признаки и виды правомерного поведения [Текст] / Ш.Дж. Мирзозода // Международной научно-практической конференции. Актуальные вопросы современной науки: теория, технология, методология и практика. – Уфа, 2.03.2022 г. – С. 57-63.

**[6-М].** Мирзозода, Ш.Ҷ. Мирзоев, С. Курси мухтассари лексияҳо аз фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» [Матн] / Ш.Ҷ. Мирзозода, С. Мирзоев. – Душанбе, 2021. – 151 с.

**[7-М].** Мирзозода, Ш.Ҷ. Мирзоев, С. Воситаи таълимӣ методӣ аз фанни «Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / Ш.Ҷ. Мирзозода, С. Мирзоев. – Душанбе, 2021. – 144 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**– Раҷабзода Р.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон;

**– Ҳамроев Ш.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русия-Тоҷикистон;

**– Буризода Э.Б.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А Баҳовидинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**– Саркорова Ш.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, педагогика ва психология Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**– Латифзода С.З.** – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси психология, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии **ДТИОМТОК** назди **ДМТ**;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои

сотсиализатсияи ҳуқуқи фард, аз ҷумла, таснифоти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ, камбудиҳои имлои забони тоҷикӣ, масъалаҳои маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон дар ин ё он ҷанба мавзуи таҳқиқоти илмию назариявии олимон, ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва файласуфони ватаниву хориҷӣ, ва дигар камбудиҳоро фаро мегиранд, ки мазмуни корро коста намегардонанд.

**Мукарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юм июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Ҳамчунии, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд:** Рафтори ҳуқуқӣ, ин фаъолияти субъектҳои инфиродӣ ва коллективӣ буда, ба меъёрҳои ҳуқук мувофиқат мекунад, ки дар шакли риояи мамнӯъиятҳои ҳуқуқӣ, иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, истифодаи ҳуқуқҳои субъективӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, кафолат ва ҳифзи он аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад;

**– пешниход шудааст:** Маърифати ҳуқуқӣ системаи арзишҳо, донишҳо ва малакаҳои марбут ба ҳуқуқ ва қонунро ифода мекунад. Сатҳи баланди маърифат ва фарҳанги ҳуқуқӣ ба ташаккули эҳтиром ба қонун ва дарки ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад. Шахсоне, ки сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ доранд, на аз тарси ҷазо, балки барои он ки онҳо аҳамияти онҳоро барои ҷомеа ва худ дарку эътироф мекунанд, бештар қонунҳоро риоя мекунанд. Ҳамин тавр, доштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ инсонро ба рафтори конунӣ водор сохта, ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳо мусоидат мекунад;

**– исбот шудааст:** Асоси маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ангеза мебошад, он бо падидаи мураккаби психологӣ асос ёфтааст ва субъекти ҳуқукро ба амалҳои бошуурона ташвиқ мекунад ва барои онҳо ҳамчун асос хизмат мекунад. Маромнокии рафтори ҳуқуқии субъектҳо раванди мураккаби фаъолияти равонии онҳо мебошад, ки аз як тараф, бо хусусиятҳо ва сифатҳои субъективии психологии ҳар як шахс ва аз тарафи дигар, ба манфиатҳо, ниёзҳо, ниятҳо, ормонҳо ӯ вобаста аст. Дар раванди даркнамоии амалҳои

дарпешистода ва амалигардидаистода ҳамчун роҳу воситаҳои қонеъ гардонидани манфиатҳо ва ниёзҳои шахсӣ ё ҷамъиятӣ ва баҳодиҳии мутобиқати (ё номутобиқати) онҳо ба талаботи меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ дар ниҳояти кор механизми маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ташаккул меёбад;

**– ҷорӣ намудани:** Бо назардошти тамоми доираи иштироки фаъолонаи бисёрҷанбаи шаҳрвандон дар ҳаёти муосири ҷомеа, шаклҳои зерини рафтори фаъоли ҳуқуқии шахс ҷудо карда мешаванд:

– фаъолнокӣ дар фаъолияти иттиҳодияҳои ихтиёрӣ (ҳизбҳо, ҳаракатҳои оммавӣ, иттифоқҳо ва ташкилотҳо, ҷамъиятҳои ихтиёрӣ, фондҳо, ассотсиатсияҳо ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ);

– фаъолнокӣ дар соҳаи қонунсозӣ (иштирок дар қабули лоиҳаҳои қонунҳо), ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ (иштирок ба сифати ҳакамон дар иҷрои адолати судӣ), узвият дар воҳидҳои кумаки фаврии милитсия ва ғайра;

– фаъолнокӣ дар таъсис ва фаъолияти сохторҳои алтернативӣ ва ё ҷамъиятӣ ва ҷамъиятӣ-давлатӣ (кумитаҳои худидоракунии ҷамъиятии ҷойи истиқомат);

– фаъолнокии мустақилонаи шахс дар соҳаи амали ҷамъиятии ҳуқуқ (ба таври муайян овоздиҳӣ ҳангоми интихобот ва раъйпурсӣ; пешниҳодҳои ташаббуснок оид ба масъалаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ба мақомоти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма ирсолшуда ва ғайра).

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** муқаррарот ва хулосаҳои назариявии дар он ифодаёфта чунин фаслҳои назарияи умумии ҳуқуқ ва психологияи ҳуқуқро пурра мекунанд, аз қабили «Заминаҳои ҳуқуқӣ ва сотсиологии назарияи ангеза», «Мафҳумҳо ва нақши ангеза дар маромнокӣ», «Муқаррароти асосии назарияи ангеза», «Маромнокии ҷиноятӣ», «Мафҳумҳо ва ҷанбаҳои назариявии ташаккули ангезаи ҷиноятӣ», «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии ангезаи ҷиноятӣ», «Мафҳумҳо ва хусусиятҳои асосии рафтори ҳуқуқӣ», «Таснифи намудҳо ва ангезаҳои рафтори ҳуқуқӣ», «Омилҳои рафтори ҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардонии самаранокии ҳуқуқии субъектҳо». Пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар тадқиқот кушиши маҷмуии омӯзиши масъалаи моҳият ва мазмуни раванди ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва натиҷаҳои он барои дарк ва таҳлили минбаъдаи илмию назариявии ин мушкилот, ба роҳ монда шудааст. Ҷамъбаст, таҳлил ва дарки нави назариявии масъалаҳои проблемавии дар рисола

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ки мавзӯи кори пешниҳодшударо фаро мегиранд ҳамеша ҷолибият ва аҳамияти масъалаи рафтори қонуниро ифода мекунанд, пеш аз ҳама, ба он асоснок карда мешаванд, ки дар он ҳадафи ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ –

таҷассуми меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт, афкори ҳуқуқии рафтори ҳуқуқии инсон вобаста ба аҳамияти бунёдии он, ба даст оварда мешавад.

– **баён шудани** дараҷа ва хусусияти таъсири онҳо ба хусусияти ангезаҳо ва механизми маромнокии рафтори ҳуқуқи инсон ниҳоят муҳим аст, зеро он имкон медиҳад, ки сари вақт ба системаи ташаккули мақсадноки маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ислоҳот ворид карда шавад.

– **ошкор гардидани** механизми ташаккули маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ дар ҷойи кор, омилҳои гуногуни таъсиркунанда, ки дар байни онҳо рафтори ҳуқуқӣ. Охиринро муаллиф ҳамчун раванди муназзам, идоракунанда, муташаккил, муттасил ва мақсадноки ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти субъектҳо оид ба интиқол ва азхудкунии донишҳо, принсипҳо, ғояҳо дар бораи ҳуқуқ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян мекунад, ки на танҳо арзишҳои фарҳанги ҳуқуқии миллӣ, балки умуман ҷомеаи ҷаҳониро ифода мекунад, ки барои иҷрои нақше, ки категорияи рафтори ҳуқуқӣ бояд дар ҳаёт ва амалияи иҷтимоию ҳуқуқӣ бозад, зарур аст.

– **омӯхта шуданд:** рафтори ҳуқуқии шахсони дорои ангезаҳои ба худ хос (шакку шубҳа, эътироз, ифротгароӣ, радикализм) мебошад. Дар баробари ин, худи нигилистҳо ҳамчун қоида ягон барнома ва усулҳои мусбати татбиқи онҳоро пешниҳод намекунанд. Амалҳои ангезадоронаи онҳо аксар вақт дар канори он чизе, ки иҷозат аст ва он чизе, ки иҷозат нест, мувозинат мекунад. Онҳо аксар вақт чунин мешуморанд, ки риояи қонун «куҳнапарастӣ» аст ва ба ҳадди аксарият ва талабҳои аз ҳад зиёд моиланд.

– **аз нав такмил додани** маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ аз рӯйи хусусияти ангезаҳои бартаридошта, навъи нигилистии рафтори ҳуқуқӣ. Аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки: «Нигилизм маънои муносибати манфӣ ба қоидаҳо, меъёрҳо, принсипҳо, ақидаҳо, қонунҳо, тарзи ҳаётро дорад. Ин яке аз шаклҳои ҷаҳонбинӣ ва рафтори иҷтимоии шахс аст. Моҳияти нигилизми ҳуқуқӣ дар муносибати манфии умумӣ, муносибати беэҳтиромона ба ҳуқуқ, қонунҳо ва тартиботи меъёрӣ мебошад».

**Аҳамияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** таҳқиқоти диссертатсиониро принсипҳои дарки падидаҳои иҷтимоӣ дар рушди таърихии онҳо ва дар айни замон дар алоқамандӣ, вобастагии ҳамдигарӣ, аз нуқтаи назари робитаи назария бо амалия, таърих ва замони муосир, муносибати байни хусусиятҳои умумитамаддунӣ ва минтақавии ин падидаҳо, ташкил медиҳанд. Диссертатсия ҳам усулҳои таҳқиқотии умумиилмӣ ва ҳам хусусӣ, аз ҷумла усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ, системавӣ-сохторӣ, диалектикӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқӣ-расмӣ, функсионалӣ, иҷтимоӣ ва дигар усулҳои аз ҷониби илми ҳуқуқ таҳия ва санҷидашуда истифода шуданд.

– **муайян карда шудааст,** ки маърифати ҳуқуқӣ як системаи шуурнокии арзишҳо, донишҳо ва малакаҳои марбут ба ҳуқуқ ва қонунро ҳамчун фарҳангӣ ҳуқуқии равонии инсон ифода мекунад. Сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ ба ташаккули эҳтиром ба қонун ва дарки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад. Шахсоне, ки сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ доранд, на аз тарси ҷазо, балки барои он ки онҳо аҳамияти онҳоро барои ҷомеа ва худ дарк ва эътироф мекунанд, бештар қонунҳоро риоя мекунанд. Ҳамин тавр, маърифати ҳуқуқӣ дар доираи фарҳанги ҳуқуқи инсонро ба риояи рафтори қонунӣ водор месозад, ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳо мусоидат мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ категорияҳои ба ҳам зич алоқаманд ва ба ҳамдигар таъсиррасонанда мебошанд.

– **муаррифӣ карда шуд:** Аз рӯйи шакли зуҳур маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ метавонад аз рӯи ҳаракат ё беҳаракатӣ бошад. Вобаста ба масъалаи далелҳои ҳуқуқӣ амалҳои ҳуқуқӣ ба санадҳои ҳуқуқӣ ва кирдорҳои ҳуқуқӣ тақсим мешаванд. Санадҳои ҳуқуқӣ амалҳоеро дар бар мегиранд, ки ифодаи иродаи ба ҳукми қонун даровардашудае мебошанд, ки қасдан ба муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо нигаронида шудаанд, яъне онҳо бо мақсади ба вуҷуд овардани оқибатҳои ҳуқуқӣ содир карда мешаванд. Ба онҳо санадҳои алоҳидаи идоракунии маъмурӣ, аҳдҳои шаҳрвандӣ, ариза ва шикоятҳои шаҳрвандон, бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, қарору таъиноти суд ва ғайра дохил мешаванд. Чизи муҳим дар санадҳои ҳуқуқӣ самти ифодаи ирода ба оқибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, нуқсонҳои ирода (иштибоҳ, зуҳуроти ирода дар натиҷаи зӯроварӣ ва ғайра) боиси нуқсони санадҳои ҳуқуқӣ (беэътибории онҳо, беаҳаммиятӣ ё баҳсталабии онҳо) мегарданд. Аз ин рӯ, танҳо амалҳои эътиборнок бояд ҳуқуқӣ ҳисобида шаванд. Амали ҳуқуқӣ мафҳуми абстрактӣ ва умумӣ мебошад. Амал ҳамеша бо шуури ҳуқуқӣ ва иродаи инсон алоқаманд аст. Ба мафҳуми «ҳаракат» категорияи беҳаракатие, мебошад, ки бо мавҷуд набудани амали берунии рафтор алоқаманд аст. Беҳаракатӣ як роҳи ғайрифаъолонаи амалисозии ҳуқуқест, ки бо истифода, иҷро ва риояи меъёрҳои қонун алоқаманд аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** ба таҳлили объективона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии ҷанбаҳои гуногуни маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва шаклҳои татбиқи онҳо, таҳлили натиҷаҳои умумии илмӣ ва хулосаҳо асос ёфтааст. Андешаҳои муаллиф, тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ, муқаррарот ва тавсияҳои тадқиқоти илмӣ, омӯзиши вазъи кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба ин масъала асоснок карда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** зуҳуроти рафтори ҳуқуқӣ омилҳое таъсир

мерасонанд, ки аксар вақт аз шахс вобаста нестанд, балки ба рафтори ӯ таъсир мерасонанд ва барои пешгирии инҳироф ва ташаккули қонунияти рафтори шаҳрвандон заруранд. Аз омилҳои асосии ба рафтори фард таъсиркунанда ахлоқ, оила, фарҳанг, интихоб, ҷаҳонбинӣ, тарс, хоҳиши баёни худ, усул, шароит ва сатҳи зиндагӣ, огоҳӣ, воқеият, эътиқод ва арзишҳо, усулҳои маҷбуркунӣ, мебошанд, дар байни онҳо аз ҳама муҳим - ақлу ирода, арзишҳои идеявӣ ва ғайра мебошанд.

**– ғоя асоснок шудааст:** маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ бояд ба талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат кунад, ки дар асоси он барои мувофиқ будан ё хилоф будани рафтор ба қонун муайян карда мешавад. Дар сурати риоя кардан, рафтор ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад, дар сурати риоя накардан, зиддиҳуқуқӣ ҳисобида мешавад ва боиси оқибатҳои манфии ҳуқуқӣ мегардад. Амалҳо унсури асосии рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок мебошанд.

**– истифода шудаанд:** Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтаанд. Дар баробари ин, асоси таҷрибавии таҳқиқоти рисола қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буданд. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки гузоришҳои дахлдори мақомоти давлатӣ ва нашрияҳои гуногуни оморӣ ва ҷомеашиносӣ низ ҳамчун заминаи иловагии таҷрибавӣ барои рисола истифода шудаанд.

**– муайян шудаанд: р**афтори шахсӣ дар маҷмӯъ аввал ҳамчун маҷмӯъ, аксуламали инсон ба муҳити зист ва баъдан ҳамчун зуҳуроти иродаи инсон муайян карда шуда, аз ибтидои пайдоиши инсоният мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Бо назардошти ин, рафтори инсон ҳамчун падида дар шакли рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятдошта омӯхта шуда, он ҳамчун рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок (қонунӣ ё ғайриқонунӣ), бошуурона-ихтиёрӣ (шахс ё гурӯҳ) муайян карда мешавад, ки шакли амал ё беамалии бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим (муқаррар) гардида, ки оқибатҳои ҳуқуқӣ дорад, ифода меёбад.

**– истифода карда шуданд:** Тадбирҳои пешгирии рафтори ғайриҳуқуқии шахс, ки бо роҳи манъ намудани ин ё он рафтори зиддиҳуқуқӣ коҳиш додани зуҳуроти рафтори манфӣ мумкин аст, зеро барои баъзе одамон чунин воситаи таъсиррасонӣ комилан кифоя аст. Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки шахсони алоҳида ба вайрон кардани меъёрҳо ва содир кардани рафторҳое, ки бо диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои гуногун манъ карда шудаанд, майл доранд. Ва барои барқарор намудани ҳолати қаблии муносибатҳои ҷамъиятӣ то вайрон кардани ин ё он меъёри қонун қонунгузор чораҳои ҷавобгариро муқаррар менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии

муаллифи рисола ба навгонии илмии тадкиқоти рисола, муқаррароти илмии барои дифоъ пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ асос ёфтааст. Саҳми шахсии муаллифро мавзуъ ва услуби асар низ гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шурой диссертатсионӣ аз 29 октябри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Мирзозода Шаҳло Ҷума дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, тахти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктороні илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раисикунанда муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Золотухин А.В.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**